**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Латифзода Сомон Зариф дар мавзӯи «Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-психология.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Латифзода Сомон Зариф ба таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии коршоямии шахс дар самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки байни дигар ҷузъу томҳои Вазорати корҳои дохилӣ мавқеи хоссаро ишғол менамояду вазифаҳои пурмасъулу хавфнокро иҷро мекунанд, бахшида шудааст. Дар ҳақиқатан ҳам мавзӯи интихобнамудаи диссертант яке аз мавзӯҳои мубрамияти замони муосири ҷумҳуриро, ки то ҳол ягон маротиба мавриди омӯзиш ва тадқиқоти илмӣ қарор нагирифта буд (ҳол он ки истифодаи аввалин донишҳои психологӣ ва таъсиси якумин лабораторияи психофизиологӣ дар ВКД ба давраи Шӯравӣ рост меояд, яъне соли 1978), ташкил медиҳад.

Аз ҷиҳати психологӣ коршоям будани кормандони сохторҳои қудратӣ, хусусан кормандони оперативӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ниҳодҳои қудратиро ташкил медиҳанд, масъалест, ки исбот ва ҳалли илмиро металабад «...қариб 90% ҷиноятҳо маҳз тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд». Субъектони амаликунандаи ин намуди фаъолият, ки самти фаъолияташон маҳз бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ равона гардидааст, кормандони оперативӣ ба ҳисоб мераванд. Бо ибораи дигар, корманди муосири мақомоти қудратӣ бояд бо донишҳои психологии махсус мусаллаҳ буда, дорои хусусиятҳои психологие бошад, ки дар мубориза беамон бар зидди ҷинояту ҷиноятнокорӣ, ки баъзе аз ин кирдорҳои ҷиноятнокорона характери ҷаҳониро гирифта,

мушкилоти вабои аср гаштаанд (терроризму экстримизм) мусоидат карда бошад.

Масъалаи ҳолати рӯҳию равонӣ ва аз ҷиҳати психологӣ коршоям будани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, чуноне дар боло ишора намуда будем, тақозои замони пуртазоди сиёсӣ буда, аллакай дар сатҳи Ҳукумат ин масоил бараъло эҳсос гардида, барои ҳалли он барномаҳои махсус коркард шуда истодаанд. Суханронии Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба муносибати иди касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ супориш ва таъкид карда буданд, ки аз «сохторҳои қудратӣ бояд ҳарчӣ зудтар кормандони аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ ноустувор аз сафи мақомот озод карда шаванд», тақвияти гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар баробари ин, барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стратегияи ислоҳоти (рушди) милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020"-ро қабул ва "Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2020-2025»-ро роҳандозӣ намуд. Қонун ва барномаи мазкур пешниҳод мекунанд, ки кормандони ба мақомоти корҳои дохилӣ қабулшаванда ва меъёрҳои мавҷудбудаи қабул тобиши муосирро аз бар намоянд. Далелҳои мазкур далолаткунандаи рӯзмарагии мавзӯъ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон буда, махсусияти хоси психологии коршоямии шахсро тақозо мекунанд, ки барои иҷрои самараноки вазифаҳои хизматӣ-оперативӣ ҳатмӣ ва айни муддао мебошанд.

Нуқтаҳои муҳими дигар, ки дар рисолаи илмии мазкур оварда шудааст, ин ба ҷанбаҳои психологӣ тақсим намудани самтҳои асосии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва муайян намудани талаботҳои асосии ба довталабони хоҳиши ба ин кор машғулмешуда мебошад, ки ин корҳои ба сомонрасонидашуда боиси дар сатҳи баланд иҷро намудани вазифаҳои МКД гардида, дар умум боиси коҳиш додани сатҳи ҷинояту ҷинояткорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ мегардад.

Мақсади ягонаи ҳамаи вазифаҳои гуфташуда ин - таъмини сулҳу субот мебошад.

Боби якуми диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявӣ-методологии муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилӣ**" ном гирифтааст ва аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум таърихи истифодаи аввалин усулҳои ташхиси шахс бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ то замони муосир оварда шуда, дар баробари ин, давраҳои таърихӣ аз ҷониби диссертант марҳилабандӣ гардидааст. Зербанди боби дуюм «Вазъи кунунии тадқиқи коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, дар бораи таърихи мухтасар ва вазифаҳои асосии Маркази ташхиси психологии КМҲТ РТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маркази мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ ягона марказе ба шумор меравад, ки фаъолияти он бевосита ба ташхиси психологии коршоямии шахс равона гардидааст, ишора шудааст.

Дар боби дуюм, "**Таҳқиқи эмпирикии муайян кардани коршоямии касбӣ-психологии шахс - унсури таркибии бо кадр таъмин кардани мақомоти корҳои дохилӣ**" номгузорӣ гардида, маҷмӯи методҳои касбии психологӣ, ки ҳам дар ҷумҳуриамон ва ҳам дар дигар давлатҳои Аврупову давлатхои собиқ Шӯравӣ истифода мешаванд, шарҳи мухтасар оварда шудааст.

Зербоби охир, ки қисмати амалии диссертатсияро дар бар мегирад, "Таҳлил ва шарҳи маълумотҳо доир ба коршоямии касбӣ-психологии шахс" ном дошта, дар он талаботҳои махсуси психологие, ки корманди ояндаи самти ковтукови ҷиноятӣ бояд онро дошта бошад, пешниҳод гардидааст. Мавриди зикр аст, ки пас аз таҳлили натиҷаҳои озмоишӣ муаллиф "гурӯҳи осебпазир"-ро, ки то имрӯз дар тамоми самтҳо ва воҳидҳои кории МКД ягона буда, онро мавриди таҷдиди назар карда, ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. "Гурӯҳи осебпазири

умумӣ", ки ба кормандони МКД дахл дорад ва "гурӯҳи осебпазири махсус", ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муталлиқ буда, маҳз ба самти ковтукови ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Одатан, пешниҳодҳои муаллиф нисбат ба талаботҳои аз ҷониби касб ба корманди оянда пешниҳодшаванда ва муайян намудани "гурӯҳи осебпазир", ки боиси монеаи ҷидии корию шахсӣ мегардад, айни муддао мебошад, зеро замони муосир тақозои онро мекунад.

Кори диссертатсионии таҳқиқотчӣ Латифзода Сомон Зариф дорои аҳамияти амалии махсус мебошад, зеро худи диссертант дар самти ташхиси психологӣ таҷриба дошта, мушкилоти дар ин самт мавҷударо муайян карда, онҳоро тариқи илмӣ баррасӣ ва ҷомаи илмӣ пӯшонидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло ишорашуда, таҳқиқоти диссертатсионии Латифзода Сомон Зариф ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Латифзода С.З. барои соҳиб шудан ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори кафедраи умумидонишгоҳии**
**педагогикаи ДМТ**

Нафисахон Муродовна

**Имзои Юнусова Нафисахон Муродовнаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ**

**Тавқиев Э.Ш.**